**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Нурматзода Ҳ. дар мавзӯи «Созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. - Душанбе, 2020. - 165 с.**

Созҳои мусиқии мардуми тоҷик таърихи қадим дошта, таърихи бархе аз онҳо аз давраҳои қадим сарчашма мегирад. Пеш аз ҳама далели қадима будани таърихи созҳои мусиқии тоҷикро натиҷаи ҳафриётҳои бостоншиносии ёдгориҳои Тоҷикистон собит месозанд. Махсусан падид омадани найҳои устухонӣ аз Тахти сангин (асрҳои III-II то мелод), кашф гардидани тасвири рубобҳо дар сангнигораҳои н. Ишкошими Бадахшон (асри I мелодӣ), тасвири навозандагони чанг, буқ ва дуҳул аз Панҷакенти қадим (асрҳои V-VIII мелодӣ), тасвири ансамбли мусиқачиёни руду чанг аз Уструшан (асрҳои VII-IX), тасвири навозандаи чанг ва рубоби камонӣ аз Ҳулбук (асрҳои IX-X), қисмҳои чӯбини рубоб аз Бозордара (асрҳои IX-X), далели қадима будани созҳои мусиқии тоҷикон маҳсуб меёбанд, ки бисёре аз ин бозёфтҳоро метавон дар осорхонаҳои Тоҷикистон дидан намуд. Дар радифи осори мусиқии бостоншиносӣ ҳамчунин созҳои мусиқии гуногуни этнографиро дидан мумкин аст, ва онҳо қисми муҳим ва таркибии фонди осорхонаҳо ба шумор меравtotally.

Таҳқиқ намудани созҳои мусиқии фонди осорхонаҳо дар доираи рисолаи номзадӣ ҳамчун сарчашмаи муҳимми таърихӣ саривақтӣ буда, барои омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи пайдоиш ва инкишофи мусиқии миллати тоҷик мусоидат менамоянд.

Диссертатсияи Нурматзода Ҳ. аз муқаддима, ду боб, 4 зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт замимаҳо иборат аст.

Ба муаллифи рисола муяссар гаштааст, ки мубрамият, арзиши илмии мавзӯи тадқиқотро ба таври боварибахш асоснок намуда, дараҷаи

омӯзиши мавзуъро нишон диҳад, ҳадафу мақсади тадқиқоти худро бо далелҳои эътимоднок муайян ва мушаххас намояд, пояи сарчашмавии тадқиқотро нишон дода, асосҳои методологӣ, назариявии рисола, объект, предмети тадқиқот, ҳудуди хронологии он, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшударо мушаххас, аҳамият ва арзиши илмӣ, амалии таҳқиқоти худро асоснок намояд.

Муаллиф боби якуми диссертатсияро **"Давраҳои асосӣ ва хусусиятҳои хоси омӯзиши созҳои мусиқии тоҷик"** ном ниҳодааст. Дар ин боб доир ба таърихи омӯзиши созҳои мусиқии тоҷикии фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия маълумот дода шудааст. Ин боб аз ду зербоб иборат аст. Зербоби аввали боби якум - **"Асбобҳои мусиқии тоҷик дар коллексияҳои осорхонаҳои Федератсияи Россия ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи мусиқии тоҷик"** ном гирифта, муаллиф дар ин зербоб доир ба омӯзиши созҳои мусиқии халқи тоҷик дар осорхонаҳои Федератсияи Россия маълумот додааст. Чуноне, ки қайд гардидааст, баъд аз ба Россияи подшоҳӣ ҳамроҳ гардидани Осиёи Миёна (солҳои 1865-1885) муҳаққиқони рус бо таъриху фарҳанги Осиёи Миёна ошноӣ пайдо карданд ва таваҷҷуҳи онҳоро бештар фарҳанги маҳаллӣ ва анъанаҳои бойи мардумии халқҳои Осиёи Миёна ҷалб намуд. Ба хусус, фарҳанги мусиқии халқи тоҷик, ки хеле рангин аст, аз ҷониби олимони рус мавриди таҳқиқ қарор гирифт. Баъзе шарқшиносон, мусиқишиносон ва мардумшиносони рус, ба монанди А.Ф. Эйхгорн, И. И. Зарубин, А. Н. Самойлович, К. Н. Росет, мусиқишинос ва композитор И. И. Рачинский ва дигарон ба омӯзиши мусиқии мардуми Осиёи Марказӣ ва ҷамъоварии созҳои мусиқӣ дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX машғул гардиданд, ки имрӯзҳо дар осорхонаҳои бузурги Федератсияи Россия нигоҳдорӣ, таҳқиқ ва муаррифӣ карда мешванд. Муаллиф дар радифи аввалин гирдоварандагони созҳои мусиқии тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX, ки русҳо буданд, яке аз гирдоварандагони маҳаллӣ

Акрам-Полвон Аскаровро низ ёдовар шудааст, ки созҳои гирдовардаи ӯ дар Эрмитажи шаҳри Санкт-Петербург маҳфуз мебошанд.

Дар зербоби мазкур муаллиф қайд менамояд, ки доир ба созҳои мусиқии тоҷикии осорхонаҳои болозикри Федератсии Россия таълифоти гуногун аз ҷониби пажуҳишгарони хориҷӣ В.М. Беляев, Ф. Кароматов, Т.С. Визго. Т.М. Ҷонизода ва дигарон, рӯи кор омадааст. Вале муаллиф дар натиҷаи таҳлили ин таълифот бо далелҳои муътамад кайд менамояд, ки созҳои мусиқӣ саҳеҳ таҳқиқ нашуда, пажуҳиши олимони болозикр аз хатогӣ орӣ нест. Аз ҷумла муаллиф ишора мекунад, ки коллексияи созҳои мусиқии аз Осиёи Миёна ҷамъоваринамудаи мусиқишинос Август Эйхгорн, ки бештари онҳо ба тоҷикон мансубанд, аз ҷониби яке аз таҳқиқотчиёни мусиқии мардумони Осиёи Миёна В.М. Беляев, дуруст омӯхта нашуда, дар китоби ӯ ҳамчун созҳои мусиқии узбек муаррифӣ шудаанд ва муаллиф кайд менамояд, ки ин коллексияи муҳимми таърихӣ бояд дар оянда мавриди таҳқиқу баррасии васеъи муҳаққиқони тоҷик қарор гирад

Дар зербоби дуюми рисола **«Омӯзиши коллексияҳои созҳои мусиқӣ дар осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»**, муаллиф асарҳои пажуҳишгарони ватанӣ ва хориҷиро баррасӣ намуда, кайд менамояд, ки саҳми Н.Ҳ. Нурҷонов, Ф.М. Кароматов, А. Вертков, Н.Ғ. Ҳакимов, А. Низомӣ, Х. Маҳмадамонов, Х. Низомов, Ҳ. Таваккалов, З.Г. Нуров ва Ф. Шарифзода дар омӯзиши созҳои мусиқии ҷудогонаи осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон назаррас аст. Диссертант дар натиҷаи таҳлили таълифоти пажуҳишгарони болозикр кайд намудааст, ки танҳо бархе аз созҳои мусиқии якчанд осорхонаи кишвар мавриди таҳқиқ ва истифода қарор гирифта буданду халос. Муаллиф дар ин бахш кайд менамояд, ки театршинос ва санъатшиноси варзида Н.Ҳ. Нурҷонов аввалин пажуҳишгари созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон, махсусан Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии ш. Хоруғ ба шумор рафта, дар натиҷаи экспедитсияи санъатшиносиаш ба Бадахшон бо овардани созҳои мусиқӣ фонди Осорхонаи этнографии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба

номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ ғанӣ гардонидааст.

Боби дуюми рисола - **“Аҳамияти сарчашмавии коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон дар омӯзиши ҳаёти мусиқии халқи тоҷик”** аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввали боби дуюм - **“Фаъолияти осорхонаҳои шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар каллексиякунонӣ, ҳифз ва оммавигардонии асбобҳои мусиқии халқи тоҷик”** муаллиф коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои пойтахт ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро ба риштаи таҳқиқ кашида, қайд менамояд, ки дар осорхонаҳои минтақа беш аз 490 адад созҳои мусиқӣ ҳифзу муаррифӣ карда мешаванд, ки бештари маводи таҳқиқоти моро ташкил медиҳанд. Муаллиф ҳангоми омӯзиши созҳои мусиқии осорхонаҳо кӯшиш намудааст, ки нақш ва мақоми осорхонаҳои пойтахтро дар оммавигардонии созҳои мусиқии халқи тоҷик нишон диҳад. Аз ҷумла, ӯ қайд менамояд, ки таъсиси ансамбли “Само”-и назди Осорхонаи созҳои мусиқии Гурминҷ Завқибеков ва ба роҳ мондани барномаҳои консертӣ дар чорабиниҳои фарҳангии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва Осорхонаи ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқии ба номи Зиёдулло Шаҳидӣ дар ш. Душанбе барои шинохту муаррифии намудҳои гуногуни созҳои мусиқии тоҷик ва намудҳои он аҳамияти вижа дорад.

Зербоби дуюми боби дуюм - **“Коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳоии Суғд ва Хатлон”** номида шудааст. Муҳаққиқ барои таҳияи ин зербоб ба ҳамаи осорхонаҳои дурдасти кишвар сафар намуда, созҳои мусиқии онҳоро тавсиф ва андозагирӣ намуда, таърихи пайдоиши онҳоро муайян намудааст. Муаллиф ҳангоми омӯзиши созҳо муайян намудааст, ки бештари онҳо ҳангоми ҷамъоварӣ дар асноди осорхонавӣ қайд нагардидаанд ва худи муаллиф дар натиҷаи пурсишҳо таърихи ба осорхона ворид шудани онҳоро муайян намудааст. Ҳамчунин мафҳуми номи баъзе созҳои мусиқӣ дар ин зербоб аз қабили рубоби “баландмақом” хуб шарҳ дода шудааст. Илова бар

ин барои дуруст ҳифзу муаррифӣ намудани созҳои мусиқӣ дар фаъолияти минбаъдаи осорхонаҳо муаллиф дар ин зербоб тавсияҳои касбӣ пешниҳод намудааст.

Дар хулоса муаллиф аз пажуҳиши анҷомдодаи худ натиҷагирӣ намуда, бо чанд пешниҳодҳои ҷолиб ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо кори хешро ҷамъбаст намудааст.

Тақризи мазкурро ҷамъбаст намуда, бо боварии комил метавон гуфт, ки диссертатсияи Нурматзода Ҳ. таҳқиқоти илмии том ва анчомёфта мебошад.

Маводи диссертатсияро метавонанд дар навиштани асарҳои ҷамъбастӣ доир ба таърих, созшиносӣ, мусиқишиносӣ, осорхонашиносӣ ва фарҳангшиносӣ истифода баранд.

Дар воқеъ муаллифи рисола Нурматзода Ҳ. тавонистааст, ки вобаста ба фаъолияти осорхонаҳои Тоҷикистон созҳои мусиқии дар намоишгоҳҳо ва фондҳои осорхонаҳо мавҷудбудаи халқи тоҷикро таҳқиқ намуда, таърихи пайдоиш, мансубияти этно-ҳудудӣ ва аҳамияти илмӣ-амалии онҳоро муайян намояд.

Яке аз дастовардҳои муҳими муаллифи рисола тартиб дода шудани Феҳристи пурраи созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон мебошад, 735 ададро дар бар мегирад. Илова бар ин аз ҷониби муаллиф акси 181 адад созҳои мусиқии осорхонаҳо дар рисола замима гардидааст, ки ин кори бузург ва заҳматталаб мебошад.

Мазмуни рисола пурра дар мақолаҳои чопшудаи диссертант инъикос ёфтаанд. Автореферат ба мазмуни матни диссертатсия мувофиқ аст.

Дар баробари ин ҳамчун муқарризи расмӣ якчанд эродҳои худро, ки дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлили рисолаи диссертатсионӣ ба миён омаданд, бояд баён намоям.

1. Дар рисола шумораи созҳои мусиқии осорхонаҳо муайян карда шудааст, аммо намудҳои онҳо дақиқ гуфта нашудааст.

2. Дар рисола нақши созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳоро дар баланд бардоштани совияи фарҳангии қишрҳои гуногуни ҷомеа ҳамҷониба инъикос наёфтааст.
3. Дар рисола баъзан хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ дида мешавад.

Аммо сарфи назар аз вуҷуди камбудиҳои ҷузъӣ, ки аҳамияти илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд, он кори пухтаву мукаммал буда, бар асоси меъёру муқаррароти таъиннамудаи бандҳои 10, 11, 12, 14, 16-и КОА оиди «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он Нурматзода Ҳасан барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ арзанда мебошад.

Муқарризи расмӣ,
професссори кафедраи
таърихи Ватан ва археологияи
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров"
доктори илмҳои таърих — Набиев Ваҳоб Машрафович

Имзои Ваҳоб Набиевро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров" — З. Ашрапова

735700 гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б.Гафуров"
Тел.: (+992-93) 503-52-73 (+992-92) 803-00-01
E-mail: v.m.nabiev@mail.ru